То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

29 апрели соли 2025

№ 7-8 (225-226)

# ДУШАНБЕ ГАҲВОРАИ ЭҲЁИ МИЛЛАТ, ОРМОНҲОИ ТОҶИКОН ВА ҲАМАИ ТОҶИКИСТОНИЁН АСТ

## Табрикоти ректори донишгоҳ ба ифтихори Рӯзи пойтахт

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

**Тавре маълум аст, ҳамасола дар кишвари маҳбубамон – Тоҷикистон шанбеи ҳафтаи сеюми моҳи апрел Рӯзи пойтахт бо шукӯҳ ҷашн гирифта шуда, ба ин муносибат ҳар гуна чорабиниҳои сиёсӣ, маърифатию фарҳангӣ ва варзишӣ баргузор карда мешаванд. Дар робита ба ин, бо камоли ифтихор ҳамаи шумора аз номи раёсати донишгоҳ ба муносибати Рӯзи пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе самимона табрику таҳният мегӯям!**

Таърих гувоҳ аст, ки фарҳангу маърифати волои ҳар як қавму миллат аз сатҳу сифати шаҳрдориву пойтахти он баҳогузорӣ карда мешавад. Бозёфтҳои археологӣ ва маъхазҳои таърихӣ гувоҳанд, ки нахустин шаҳраки бостонӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистони имрӯза ҳанӯз дар асрҳои 3 - 4 то милод, замони аҳди Кӯшониён, арзи ҳастӣ кардааст. Пойтахти кунунии Тоҷикистон мутобиқи маълумоти таърихӣ аз як деҳаи хурде шуруъ мешавад. Дар ин макон ҳар рӯзи душанбе аз гирду атроф савдогарону тоҷирон ҷамъ омада, бозору нуктаҳои маҳсулоти ниёзи мардумро ташкил мекарданд. Тавре аз баъзе маъхазҳо бармеояд, бори нахуст номи рустои Душанбе соли 1676 зикр шудааст. Ҳамин тариқ, бо такя ба асноду далелҳои мавҷуда, шаҳри Душанбе соли 1924 ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон эълон гардид.

Мусаллам аст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар ибтидои соҳибистиқлолии кишвар имтиҳони сангини таърихӣ, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро пушти сар карда, хушбахтона, бо заҳматҳои содиқона сарзамини аҷдодии худро хеле ободу пешрафта гардониданд. Ҳарчанд афзалиятҳои иқтисодии кишвар дар даҳаи аввали соҳибистиқлолӣ хеле камтару маҳдудтар буд, раванди корҳои азнавсозию бунёдӣ тадриҷан шаклу равиши тоза гирифта, ин чараён ба эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ, садоқат ба Ватан ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ табдил ёфт. Маҳз ҳамин масъулияту ифтихор ва нангу номуси миллии мардум буд, ки шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – оинаи миллатнамои кишвар, умедгоҳи тоҷикону тоҷикистониён, пойтахти ҷаҳонии об ва шаҳри дӯстию бародаршаҳрии 22 шаҳри ҷаҳон шинохта шуд.

Имрӯз Душанбе гаҳвораи тамаддуни миллат гардидааст. Ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфтаанд: “Агар шахс аз падару модар, бузургони гузаштаи худ ифтихор дошта бошад, он гоҳ ҳар сокини Тоҷикистон ҳуқуқи маънавии комил дорад, ки бо номи Ватан ва пойтахти он - шаҳри Душанбе ифтихор кунад. Зеро Душанбе гаҳвораи эҳёи миллати тоҷик, ягонагии ормонҳои тоҷикон ва ҳамаи тоҷикистониён мебошад”.

Ин дурдонагуфтори Пешвои муаззами миллат, намунаи олии баҳогузории шинохти арзишҳои баланди таърихи деринаи миллат буда, ҳар яки моро ба раванди афзун бахшидани тадбирҳои нав ба нави созандагиҳо ба шинохти умедсаройи тоҷикони ҷаҳон – шаҳри Душанбе хидоят месозад.

Дар шароити имрӯза низ Душанбе чун пойтахти миллати тоҷик бори фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаро бар дӯш дорад ва онро босаброна таҳаммул мекунад. Душанбе имрӯз ҳам фарҳангиёнро аз ҳар гӯшаву канор гирдогирдаш ҷамъ месозад ва чун модари бузургвор дар доманаш парвариш намуда, ҳамқадам бо зиндагии инсонӣ бори масъулият мекашад.

Махсусан, шаҳрдори ҷавони пойтахт муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо расидан ба мансаби шаҳрдорӣ пойтахтро ба мегаполис табдил додааст ва имрӯз Душанбе бо бузургтарин шаҳрҳои минтақавию ҷаҳонӣ ҳукми бародаршаҳрӣ дошта, дар рушду тараққиёти ҷумҳурӣ ва ҳамбастагии миллӣ саҳми муносиб мегузорад. Гузашта аз ин, Рӯзи пойтахти азизамон ба як ҷашни миллию умумимиллӣ табдил ёфта, ҳамасола бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил мегардад.

Боиси ифтихори бузург аст, ки шаҳри Душанбе дар як муҳлати кӯтоҳи таърихӣ симояшро комилан дигаргун намуда, ба сифати яке аз шаҳрҳои рӯ ба инкишоф мавқеъ ва нуфузашро на танҳо дар сатҳи минтақа, балки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯз аз рӯз устувортару намоёнтар гардонида истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар давоми солҳои 2017 - 2025 пойтахти кишварамон мизбони якчанд ҳамоишҳои байналмилалӣ, конфронсҳои сатҳи баланди созмонҳои бонуфуз гардид.

Дар ин самт низ, давоми ҳашт соли сипаригардида Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонида, баҳри рушду нумуи иқтисодиёти мамлакат ва ба зиндагии шоиста расидани мардуми шарифи Тоҷикистон як қатор қарору қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои байналмилалиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, қабул намуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, ин ҷавони донишманду соҳибкасб ва бомаърифату инсондӯст дар давраи амали худ барои ба фаъолият шурӯъ намудани даҳҳо иншооти иҷтимоию маишӣ, аз қабили мактабу кӯдакистон, муассисаҳои гуногуни тиббию тандурустӣ, толору майдончаҳои варзишӣ, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ саҳми арзандаи хешро гузошта, чавҳари асосӣ, кафолату нишони возеҳи рушд ва тарафт бехтар шудани шароити зиндагии сокинони пойтахти азизамон гардида, дар умқи дили сокинони кишварамон мақоми хосса пайдо кардааст.

Дар ҳақиқат, аз иродаву матонат ва малакаву фитрати устувори шаҳрдори ҷавон метавон хулоса баровард, ки роҳбарияти Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии кишвар баҳри боз ҳам баланд бардоштани нуфузу мартабаи пойтахти азизамон тавассути иқдомҳои созандааш тадбирҳои зарурӣ андешида, шароити мусоиди қиёснопазири зистро дар оянда ва наҷандон зиёди вақт барои шаҳрвандонаш фароҳам хоҳад овард.

Бо таваҷҷуҳ аз истиқболи арзандаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи бомароми нақшаҳои мавҷуда ва бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ, коргоҳҳои саноатӣ, таъмиру азнавсозии роҳҳо, эстакадаҳо ва инфрасохтори муосири хизматрасонӣ боиси рушди суръатноки маҳсулоти сифатнок ва шинохти мақоми волои пойтахти азизамон гардида, рӯз аз рӯз ин маҷро раванди тоза касб менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба нуктаву далелҳои мавҷуда ва татбиқи босамари нақшаҳои пешбинишуда, илова намудан бамаврид аст, ки имрӯзҳо дар партави дастуру супоришҳои созандаи Пешвои муаззами миллатамон ва назари бохирадонаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ маркази тамаддуни тоҷикон симояшро комилан дигаргун намуда, тамошогоҳ ва макони сайру саёҳати шумораи зиёди хориҷиён гардидааст.

Дар умум, маҷмӯи зиёди иншооту биноҳои бо риояи санъати баланди меъмории миллиаву муосир бунёдгардида, боғу гулгаштҳо, майдонҳои сабз, муассисаҳои фарҳангиву илмии замонавӣ ва таҷдиду азнавсозии хиёбону кӯчаҳои шаҳри Душанбе маҳсули тозакориҳои босамари шаҳрдори ҷавон - Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошад.

Бигзор шаҳри Душанбе ҳамеша дар роҳи ободонӣ, сулҳ ва тараққиёт пешсаф бошад ва барои наслҳои оянда намунаи шаҳри сулҳу субот, ваҳдати тоҷикон ва дӯстдоштанӣ боқӣ бимонад!

**Раҳмонзода Зоир Файзалӣ,**
**ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**







# Ҳамоиши илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ

**4-уми апрели соли 2025 дар толори асосии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамоиши илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Ҳамрайъӣ аз Эъломияи Хуҷанд: дӯстии абадӣ - омили осудаҳолӣ ва рушди кишварҳо" бо иштироки васеи роҳбарони мақомоти давлатӣ, коршиносони соҳа, устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид.**

Дар ҳамоиш Раҳмонзода Зоир Файзалӣ – ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Неъматзода Маликшоҳ Маҳмадшоҳ – муовини якуми Раиси ҲХДТ, Муинӣ Мавсума Муинзода – муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафарзода Дилшод Ғанӣ – Раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, Абдулло Раҳнамо – сиёсатшинос, директори Маркази тарғиби адабиёт ва фарҳанги миллии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Шоҳиён Абдураҳим- Раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе иштирок ва суханронӣ намуда, саривақтӣ ва мубрам будани ҳамоиши мазкурро арзёбӣ намуданд.

Нахуст, ректори донишгоҳ меҳмонон ва дигар иштирокдорони ҳамоишро хайрамақдам гуфта, қайд намуд, ки ҳамоиши имрӯза дар партави баргузории чорабинии муҳимсаммити сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, ки санаи 31-уми март дар шаҳри бостонии Хуҷанд сурат гирифт, баргузор мегардад. Мавсуф афзуд, ки ҳафтаи сипаригашта дар баробари ҷашнгирӣ аз идҳои милливу давлатӣ, аз ҷумла Наврӯзи байналмилалӣ, ки дар шаҳри бостонии Хуҷанд бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳмонони сатҳи баланд, сарони давлатҳои ҳамсоя, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Садир Жапаров баргузор шуд, басо рамзист, ки созишномаи мазкур дар таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз иттифоқ афтод. Наврӯзи оламафрӯз, ки бунёдашро хирадмеҳварӣ ва ҳамбастагиву зиндагидӯстӣ ташкил медиҳад, дар фарҳанги ҳар се кишвар ифодакунандаи сулҳу субот, дӯстиву ҳамдилӣ ва рафоқат махсуб меёбад. Қайд гардид, ки музокироти сеҷониба ва маросими имзои Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ дорои аҳамияти баланди сиёсӣ ва таърихӣ аст.

Ба ибораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Натиҷаҳои мулоқоти роҳбарони се кишвари ҳамсоя ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ, муносибатҳои накуҳамсоягӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва эътимоди мутақобил, инчунин, ҳамкории созандаву муассир миёни кишварҳоямон ва мардумони бародар мусоидат менамоянд".

Дар идома Неъматзода Маликшоҳ Маҳмадшоҳ – муовини якуми Раиси ҲХДТ тазаккур дод, ки дар ин руйдоди фараҳбахш, ба имзо расонидани якчанд санадҳои муҳимми таърихӣ аз ҷониби сарони давлатҳо доир гардид, ки имрӯз дар тамоми расонаҳои давриву хабарии байналмилалӣ чарх зада истода, вирди забонҳо гаштааст. Бо итминон изҳор медорам, ки ин иқдоми навбатии башардӯстонаи Пешвои маҳбуби миллати мо дар таърихи навини кишвари азизамон бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад гашт.

Сипас, Сафарзода Дилшод Ғанӣ – Раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ёдовар шуд, ки дар таърихи навини Осиёи Марказӣ ин эъломия назир надорад, ва аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ баҳои мусбат гирифтааст. Имзои созишномаи сарҳадӣ ва ҷашни муштараки Наврӯз дар муносибатҳои байни кишварҳои минтақа, ки ба дӯстии чандинасра ва анъанаҳои муштараки фарҳангӣ асос ёфтаанд, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо саҳифаи нав мекушояд.

Ҳамчунин Абдулло Раҳнамо – сиёсатшинос, директори Маркази тарғиби адабиёт ва фарҳанги милии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аҳамияти таърихӣ ва сиёсии Эъломияи Хуҷандро барои кишварҳои минтақа аз назари илми сиёсатшиносӣ дар чор банд возеҳу равшан баён намуд. Инчунин изҳор дошт, ки имрӯз ҳама талошҳои Пешвои муаззами миллат ба он равона шудаанд, ки ин таҷрибаи созандаи таърихиро ҳар яки мо пурра ба нафъи наслҳои имрӯзаву оянда истифода бурда тавонем. Маҳз рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории зичи мардумону давлатҳои ҳамсоя дар ҳамаи соҳаҳои манфиатҳои муштарак яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.




Дар фарҷоми ҳамоиш Абдуллои Раҳнамо бо медали ҷашнии 30-солагии ҲХДТ, ки аз тарафи Кумитаи марказии ҲХДТ қадрдонӣ шудааст ва як қатор кормандону омӯзгорони фаъол бо ифтихорномаҳову сипосномаҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони саноати Тоҷикистон "Тоҷиксаноат" ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

**"Фановар"**

# САҲМИ ЗАНОН ДАР ТАТБИҚИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ

Санаи 17-уми апрели соли ҷорӣ Шуъбаи кор бо занон ва духтарони донишгоҳ, дар асоси нақшаи кории идораи корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ вобаста ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», саҳми занону модарон дар татбиқи Қонуни мазкур, инчунин доир ба иҷрои Стратегияи миллии «фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» бо занону бонувони раёсати идораи хоҷагидории донишгоҳ вохӯрӣ баргузор намуд.

Вохӯриро мудири шуъбаи кор бо занон ва духтарони донишгоҳ Хушнуда Бахронова ҳусни оғоз бахшида, доир ба бандҳои Стратегияи миллии «фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва татбиқи он дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон суханронӣ кард. Ӯ аз ҷумла иброз намуд, ки занону бонувон таҳти ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, баҳри пешрафт ва ободию шукуфоии кишвари маҳбубамон-Тоҷикистони соҳибистиқлол кӯшиш ба харҷ медиҳанд





Инчунин гуфта шуд, ки бо мақсади боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ миёни занону бонувон, ҳар яки моро зарур аст, ки ташвиқу тарғиби расму оин, эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, худдорӣ аз пӯшидани сару либоси ба фарҳанги мардуми мо бегонаро ба роҳ монем.

Сипас, сардори идораи корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Гулшан Бобизода доир ба қонунҳои миллии зикргардида ва Стратегияи миллии «фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» изҳори назар намуда, доир ба ҳифзи рукнҳои миллӣ, тарғиби пӯшидани сару либоси миллӣ ва нагаравидани бонувону донишҷӯдухтарон ба фарҳанги бегона ҳарф зада, аз ҷумла иброз дошт, занону бонувонро, ки дар бобати сарфаву сариштакорӣ нақши муҳим бозида метавонанд, зарур аст, ки фаъолияти хешро дар доираи қонунҳои амалкунандаи кишвар ба роҳ монда, ба қадри ободиву осудагии кишвар бирасанд ва фарзандони худро дар руҳияи ватандӯстиву худшиносии миллӣ тарбия намоянд.

**"Фановар"**

ҲАФТАИ ИЛМ

# ҚУФЛКУШОИ ҲАМА ДАРҲОСТ ИЛМ

**24-уми апрели соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба “Ҳафтаи илм” ва "Бистсолаи омӯзиши фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” таҳти унвони "Нақши ихтирооту навоварӣ дар рушди иқтисоди миллӣ" Конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.**

Конференсия бахшҳои зеринро дар бар гирифта, дар он масъалаҳои муҳимми илмӣ мавриди баррасии устодону донишмандони соха қарор гирифт:

- Навоварӣ, сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ;
- Ихтироот ва навовариҳои технологӣ дар рушди саноати сабук;
- Нақши муҳандисии барномавӣ ва зеҳни сунъӣ дар рушди иқтисоди миллӣ;
- Шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ;
- Мушкилоти бехатарии иқтисодӣ ва ихтирооту навоварӣ – омили асосии пешбарандаи ҷомеа.

Нахуст, конференсияро муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Яминзода Зарина Акрам ифтитоҳ бахшида, роҷеъ ба муҳимияти мавзуи он ва “Ҳафтаи илм” ибрози андеша намуд.

Сипас, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ Фирӯз Ғаффоров дар мавзуи “Заминаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ” гузориши илмӣ намуд. Мавсуф иброз намуд, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ (28 декабри соли 2024) ҷиҳати гузариш ба низоми рақамикунонии бахшҳои иқтисоди мамлакат таваҷҷуҳи хоса намуда, иброз доштанд, ки Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бобати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодию молиявӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025 – 2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шаванд.

Вобаста ба ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки дар панҷсолаи минбаъда барои пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ, андешидани тадбирҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот ва ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Баъдан, доктори илмҳои техникӣ, профессор Холназар Ибрагимов дар мавзуи “Истифодаи самараноки коркардҳои нави инноватсионӣ дар корхонаҳои коркарди пахта” суханронӣ карда, аз ҷумла иброз намуд, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат олимони тоҷик, бахусус, дар соҳаи саноати сабук коркардҳои зиёди техникиро тарҳрезӣ намуданд, ки барои баланд бардоштани самаранокии корхонаҳо ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти босифат, рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ ва ҷавобгӯ ба талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ равона карда шудаанд. Вобаста ба захираҳои энергетикӣ ва сӯзишвориҳо,- гуфт маърузачӣ,- дар ҷумҳурӣ бо мақсади истеҳсол намудани ҳавои гарми аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки ба намуди зоҳирии нахи пахта таъсир намерасонанд, ду дастгоҳи нави инноватсиониро тарҳрезӣ намуда, ба корхонаҳои коркарди аввалини пахта пешниҳод намудем. Чунки дар айни замон ранги зоҳирии нахи пахта дар қатори дигар хосиятҳо дар бозори ҷаҳонӣ арзиши онро муқаррар менамояд.






Назарзода Рустам Саидмурод, н.и.п., дотсент дар маърузаи илмиаш, ки “Технология ва афзорҳои муосири таълим: воситаҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии тавлидгар” номгузорӣ шуда буд, қайд намуд, ки дар раванди таълими муосир истифодаи платформа ва захираҳои рақамӣ мавқеи хос доранд. Пеш аз ҳама, онҳо ҷараёни таълимро шавқовар ва осонфаҳм мегардонанд. Бо дарназардошти зиёд будани теъдоди платформа ва захираҳои рақамии таълимӣ, омӯзгорро зарур аст, ки аз рӯи меъёрҳои асосӣ, аз ҷумла фанни таълимӣ, зинаи таҳсилот, доираи корбарон, забони истифода, таъинот, речаи истифода, намуди дастрасӣ, воситаҳои рақамии мувофиқро интихоб ва истифода барад.

Рустам Саидмурод инчунин доир ба махзанҳои иттилоотӣ, озмоишгоҳҳои маҷозӣ (виртуалӣ) ва афзорҳои зеҳни сунъӣ ҳарф зада, бо мисолҳои мушаххас зарурат ва аҳамияти онҳоро дар раванди таълим нишон дод.

Номзади илмҳои химия, дотсент Мавзуна Шарипова дар мавзуи “Натиҷаҳои фаъолияти илмии кафедраи химия дар самти бехатарии ғизоӣ ва амнияти озуқаворӣ” маърузаи илмӣ намуд. Аз ҷумла гуфта шуд, ки ғизои солим омили асосии саломатии аҳолӣ буда, ин самт дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва Паёми навбатии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ зикр гардидаанд. Вобаста ба ин масъала кафедраи химияи донишгоҳ тадқиқотҳои илмии зиёдеро ба анҷом расонидааст, ки яке аз онҳо Коркарди технологияи маҳсулоти ғизоии функсионалӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ мебошад.

Омӯзгорони кафедра доир ба ин мавзуъ зиёда аз 20 патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтироотро ба даст овардаанд, ки як қисми онҳо дар истеҳсолот татбиқ шудаанд.

Инчунин гуфта шуд, ки самти дигари фаъолияти илмии кормандони кафедра ба ҳосил намудани антиоксидантҳои табиӣ барои маҳсулоти ғизоӣ нигаронида шуда, дар ин бобат натиҷаҳои хуб ба даст оварда шудааст. Аз ҷумла оид ба ин мавзуъ як рисолаи номзадӣ ва як рисолаи докторӣ бомуваффақият ҳимоя гардидаанд.

Дар фарҷоми конференсия доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усмонова Тухфа Ҷумаевна ва доктори илмҳои техникӣ, профессор Б. Ишматов фикру андешаҳояшонро доир ба маърузаҳои илмии ироагардида баён намуданд.

Вобаста ба бахшҳои конференсия зиёда аз 100 мақола ва гузоришҳои илмӣ ҷамъоварӣ ва ба чоп тавсия гардиданд. Давоми ҳафтаи илм дар сохторҳои донишгоҳ як қатор семинару маҳфилҳои илмӣ гузаронида шуданд.

**Р. МАСЪУД**

# БА ДОНИШ РАВОНРО ТАВОНГАР КУНЕД...

**Барои инсоният дар дунё пуркимматтар аз дониш сармояе набудаву нест. Гароиш ба ин сарвати маънавӣ фахру фар ва боиси бузургии ӯст. Аз ин рӯ, дар ҳама давру замон, ки на дар ҳар деҳу русто дабистоне буд ва на дар ҳар шаҳре донишгоҳеву донишкадае, мардумони замонҳои мухталиф барои дастрасӣ ба дониш кӯшидаанд, то рӯзгори хешро маъниву моя бибахшанд.**

Миллати тамаддунофари тоҷик ҳанӯз аз аҳди бостон ба дониш ҳамчун силоҳи боэътимод ва асосии рушди ҷомеа диққати махсус медод. Ҳамин аст, ки бо рисолати донишандӯзии худ дар тамоми самтҳо, махсусан, аз худ кардани дониш барои халқҳои ҳамҷавор тӯли зиёда аз ҳазор сол нақши омӯзгориро иҷро намудаанд. Ҳанӯз дар аҳди ҳукумати Ҳахоманишиёну Сосониён ҷиҳати дар руҳияи аз худ кардани илму дониш тарбия намудани насли наврас дабистонҳо кушода шуда буд, ки дар он беҳтарин мударрисон ба таълиму тарбия машғул буданд. Маҳз эҳтироми хоса ҷиҳати аз худ кардани дониш буд, ки беҳтарин шахсиятҳо дар ҷомеаи мардуми эрониасл ба воя мерасиданд. Бузургони илму ирфон ҳамеша аҳаммияти омӯзиши илму донишро таъкид намуда, дар сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва осори мухталифи илмиву адабӣ, махсусан китоби Авасто, “Форснома”-и Ибни Балхӣ, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Таърихи Табарӣ” ва ғайра оид ба ҷойгоҳи он эътибори хоса додаанд. Ҳаким Фирдавсӣ мефармояд:

**Ба дониш равонро тавонгар кунед,**
**Хирадро бад-ин бар сар афсар кунед.**

Дар ҳақиқат, обрӯ ва шукӯҳи шахс аз дониш аст. Аз ин рӯ, набояд пой дар кӯчаи бедонишӣ ниҳод ва дар бероҳагиву саргумӣ зист ва набояд ба нокомӣ гардан ниҳод. Зеро беҳтарин роҳвард ва арзандатарин тӯшаи инсон дар ин олам дониш аст, ки ба василаи он шахс исмашро ҷовидонӣ ва намиранда мегардонад.

Истиқлоли давлатӣ имкон дод, ки ин анъанаи неки ниёкон имрӯз идома дода шавад. Ҳукумати кишвар бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро дар сиёсати хеш афзалияти бештар додаанд. Танҳо дар даврони Истиқлоли давлатӣ зиёда аз садҳо муассисаҳои таълимӣ дар кишвар бунёд гардид. Аз 13 донишгоҳу донишкадаҳои замони шуравӣ имрӯз ин шумора ба 48 адад расидааст, ки ин нишондиҳанда аз диққати махсус додан ба ин соҳа шаҳодат медиҳад. Сарвари давлат ҳамеша бо иқдоми созандаи худ ҷавонон ва умуман, ҷомеаи Тоҷикистонро талқин менамоянд, ки роҳи илм, созандагиву бунёдкорӣ ва ихтироъкориро аз китобҳо ҷӯё бошанд. Донишҳои муосирро аз худ намуда, дар пешрафти Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошанд. Бинобар ин, бо мақсади баланд бардоштани тафаккури техникӣ ва аз илмҳои бунёдӣ огоҳ будани ҷавонону наврасон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шуд. Ҳамчунин бо мақсади дарёфти истеъдодҳои ҷавон ва ҳавасманд намудани олимону муҳаққиқон ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» таъсис дода шуд. Озмунҳои дигар ба монанди «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикон-оинаи таърихи миллат»-ро, ки дар рушди илму дониш, тарбияи насли наврас ва ҷавон заминаи боэътимод аст, роҳандозӣ намудаанд. Дар замони муосир, ки илму техника асоси пешрафти ҷомеа мебошад, ҷавонони мо мекӯшанд, то пойбанди расму оинҳои хурофотӣ нашуда, ҳамқадами замон бошанд. Аз навгониву дастовардҳои илму техника огоҳ гардида, ҷаҳонбинии худро васеъ созанд. Ин ҷидду ҷаҳд ва талошҳои ҷавонони кишвар ҷиҳати иштироки фаъолона дар рушду нумӯи Ватани азизамон бовар ба он месозанд, ки онҳо бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар оянда низ тамоми неруи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва устувор гардониданӣ мавқеи он дар қатори кишварҳои пешрафта сафарбар менамоянд.

Бешак, олами ҷаҳл зулмотест ва олами илм оби ҳаёти зулмот. Ҳар шахсе, ки оби ҳаёти илм дар мазрааи дил биронад ва ниҳоли дониш биншонад, номи ӯ абадуддавр боқӣ бимонад, зеро хеле бамаврид гуфтаанд:

**Ҳар онро, ки дониш бувад, тӯша бурд,**
**Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.**

**Зебуннисо ҲАМРОҚУЛОВА,**
**и.в. дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДТТ**

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



**Ба истиқболи 35-солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ин боргоҳи илму маърифат Форуми байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳамкории илмӣ дар фазои Авруосиё: рақамикунонӣ ва модернизатсияи саноат бо истифода аз зеҳни сунъӣ» дар доираи эълон гардидани солҳои 2025-2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" баргузор гардид, ки дар он меҳмонони хориҷию дохилӣ ва мутахассисони соҳаи рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ иштирок намуданд.**






Қабл аз оғози форум меҳмонон бо дастовардҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва эҷодии омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ, ки ба намоиш гузошта шуда буданд, шинос гардиданд.

Форумро муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Яминзода Заррина Акрам оғоз намуда, меҳмононро бо аҳли толор шинос намуд ва бо камоли эҳтиром суханро ба ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода



Зоир Файзалӣ во гузошт.

Зоир Файзалӣ доир ба аҳамияти баргузории форум ва нақши он дар рушди минбаъдаи донишгоҳ ва илми кишвар, эълон гардидани солҳои 2025-2030 ҳамчун "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия", дастовардҳои донишгоҳ ва ҳамкориҳои илмии он бо донишкадаву донишгоҳҳои кишвар ва хориҷи он ҳарф зада, аз ҷумла иброз дошт, ки Форуми мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки санаи 28.12.2024 ироа гардида, дар он солҳои 2025-2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон гардиданд, роҳандозӣ шуда истодааст.



Қайд карда шуд, ки ҷаҳони имрӯзро бидуни рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва рақамикунонӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, бояд донишгоҳу донишкадаҳо, марказҳои илмӣ ҷиҳати табодули донишу таҷриба ва дастовардҳои илмиву инноватсионӣ, равобити илмиро ба роҳ монанд, то тавонанд малакаи ҳамдигарро сайқал бахшида, барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда бо осонӣ даст ёбанд. Маҳз ташкили Форуми мазкур барои мубодилаи донишу таҷриба, баҳсҳои илмӣ дар фазои АвруОсиё кумак менамояд.

Фазои фарогирии маърӯзаҳои илмии аз ҷониби иштирокчиён пешниҳодшуда беш аз 30 вилояту шаҳрҳо, аз ҷумла: Душанбе, Хуҷанд, Исфара, Кӯлоб, Тошканд, Бухоро, Намангон, Фарғона, Қазон, Иваново, Пятигорск, Москва, Падова (Италия), Брест, Могилев, Гомел, Алмаато, Остона, Бишкек, Ош ва дигар марказҳои илмиро дар бар мегирад.

Форуми мазкур дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва стратегиро барои донишгоҳҳои иштирокдор дар минтақаи Авруосиё дошта, воситаи муҳими рушди иқтисодиёти рақамӣ, саноат ва технологияҳои инноватсионӣ дар таълимгоҳҳои мухталиф бо истифодаи зеҳни сунъӣ дар баробари муаммоҳо ва имкониятҳои рушди илмӣ-техникӣ буда, баргузории он на танҳо як платформаи мубодилаи дониш ва таҷриба мебошад, балки василаи муҳиме барои тақвияти равобити байналмилалӣ ва рушди устувор ба ҳисоб меравад.

Меҳмонони дигар зимни суханрониҳои хеш дар қисмати чаласаи пленарӣ аҳамияти ин Форумро хеле муҳим арзёбӣ намуда, онро ҳамчун як фазои мусоид барои ҳалли масоили илмию таълимӣ, табодули таҷриба ва густариши самти рақамикунонӣ, модернизатсия ва зеҳни сунъӣ номиданд.

Сипас, Мажитов Маҳмуд Абдимумин угли- муовини якуми ректори Донишгоҳи давлатии муҳандисӣ ва агротехнологияи Тирмизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Насимов Баҳтиер Васиевич, муовини аввали ректор ва Мирзаев Нодир Баҳодирович- муовини илмии ректори Донишкадаи саноати сабук ва нассоҷии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Панков Павел Сергеевич – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қирғизистон, Одинтсова Олга Ивановна – профессори Донишгоҳи давлатии химиявӣ - технологии Ивановои Федератсияи Россия, Ирен Калиари, профессори Донишгоҳи Падоваи Италиё, Азанова Албина Албертовна, профессори Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии Қазони Федератсияи Россия, ва ба тариқи маҷозӣ Кулажанов Талгат Куралбекович, ректори Донишгоҳи технологии Алмаатои Ҷумҳурии Қазокистон, Голубев Юрий Петрович, ректори Донишгоҳи давлатии Брест ба номи А.С. Пушкини Ҷумҳурии Беларус, Битус Евгений Иванович, профессори Донишгоҳи биотехнологии Россия суханронӣ намуданд.

Дар фарҷоми қисмати аввали Форум супоридани сипосномаҳо ва тӯҳфаҳои хотиравӣ байни меҳмонон ва мизбонон сурат гирифт.




Нимаи дуюми ҳамон рӯз (10.04.2025) Форум корашро дар се бахш: Рақамикунонии саноати нассоҷӣ; Технологияҳои инноватсионӣ дар саноати хӯрокворӣ; Нақши таҳсилоти олӣ дар фазои АвруОсиё: ҳамкориҳои байналмилалӣ ва трансформатсияи рақамӣ дар низоми маориф ва илм, идома дода, дар он олимон, профессорон ва коршиносони барҷастаи кишварҳои гуногун бо маърӯзаҳои пурмазмун, ки фарогири мавзуъҳои муосир- аз рақамикунонии саноати нассоҷӣ ва хӯрокворӣ то равишҳои нав дар таълими байналмилалии муҳандисӣ, барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои сабзро дар бар мегирифтанд, суханронӣ намуданд.

**М. БОҚИЗОДА,**
**Р. ШАРИФ**

# АЗ ТАЪРИХИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ҚИРҒИЗ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми 34 соли соҳибистиқлолӣ тахти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, дар байни давлатҳои мутараққии олам мақоми шоиста касб намуда, ҳамчун кишвари дар ҳоли рушду тавсеа ва ташаббускор эътироф гардидааст.**

Боиси хурсандист, ки фарҳанги сулҳи тоҷикон, ки дар саргаҳи он Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд, аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ эътироф гардида, ҳамчун таҷриба баҳри истифодаи он дар дигар минтақаҳои даргири сайёра мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Имрӯз бори дигар ин андеша шаҳодати таърихии худро дарёфт, зеро Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пешниҳоди қабули қатъномаи махсус таҳти унвони “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” аз ҷониби СММ миллати тоҷикро ҳамчун миллати сулҳхоҳ муаррифӣ намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ муносибатҳои дипломатиро бо ҳама кишварҳои ҷаҳон дар доираи принсипи дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми тамоми халқиятҳои ҷаҳон ва пойдор нигоҳ доштани сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон ба роҳ мондааст. Аз ҷумла муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон аз 14-уми январи соли 1993 оғоз ёфта, роҳбарони ду давлат борҳо аз кишварҳои якдигар боздидҳои расмӣ ва корӣ анҷом додаанд.

Ҳамкориҳои сиёсии байни ду кишвар дар Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ, Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмуи масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба, Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудаанд.

Машваратҳои сиёсӣ байни роҳбарият ва воҳидҳои сохтории вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар мунтазам баргузор мегарданд.

Пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон беш аз 100 санадро дар бар мегирад.

Санадҳои асосие, ки самтҳои аслии ҳамкориро ба танзим медароранд ва дар онҳо принсипҳои асосии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон муайян шудаанд, Аҳднома оид ба муносибатҳои асосии байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз 12-уми июли соли 1996 ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муносибатҳои ҳамсоягӣ ва ҳамшарикӣ аз 26-уми майи соли 2004 мебошанд.

Боиси тазаккур аст, ки 12-уми март дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон 16 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки ин барои барқарор гардидани муносибатҳои дӯстона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз рӯйдоди таърихиест, ки орзуи ҳазорҳо нафар мардуми ин ду кишвари дӯсту бародар буд.

13- уми марти соли 2025 ба имзо расидани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатиро, ки таҷассумгари иродаи неки тарафҳо оид ба ҳалли масъалаҳо бо роҳи осоишта дар руҳияи машваратҳои баробар, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром мебошад, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш, Созмони Ҳамкории Шанхай, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Руссия, Шоҳигарии Арабистони Саъуди, Давлати Қатар, Ҷумҳурии Фаронса, Ҷумҳурии Озарбойҷон ва ғайра истиқбол намуда, онро таърихӣ унвон карданд. Аз ҷумла, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш ду давлатро бо ин дастоварди таърихӣ таҳният гуфта, роҳбарӣ, азми қавӣ ва иродаи сиёсии онҳоро барои муваффақона ба анҷом расонидани музокироти дарозмуддат баланд арзёбӣ намуд.

Ин ҳама аз он шаҳодат медиҳанд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо рӯи даст гирифтани дипломатияи тоҷикона бори дигар ба ҷаҳониён нишон дод ва собит кард, ки тоҷик ҳеҷ гоҳ бадхоҳу кинапарвару хушунаткор набуд ва нахоҳад буд ва барои ҳар тоҷику тоҷикистонӣ сулҳу ҳамдигарфаҳмии болотару волотар аз ҳар гуна манфиатҷӯиҳост.

Дар навбати худ Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров низ исбот кард, ки ӯ ҳамандешаву ҳамфикр бо Президенти Тоҷикистон аст. Дастҳои оштӣ сӯи ҳам дароз шуданд, худи ҳамин лаҳза кинаву кудурат аз дилҳо берун шуд, ду миллат ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанду савганд хӯрданд, то баҳриояндаи равобити ҳасана ҷаҳду талош хоҳанд кард.

**Наргис ОРТИҚОВА,**
**мудири шуъбаи тарбия,**
**иҷтимоиёт ва идеологияи ФДТТИ**

# ОЗМУНИ "КАНӢ, ДУХТАРОН – ТАҶАССУМГАРИ ҲУНАР, ЗЕБОӢ ВА ФАРҲАНГ"



Бо мақсади таҳкими мавқеи зан дар ҷомеа, арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ ва таъриху тамаддун, эҳсоси ватандӯстиву хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ ва рушди маҳорату малакаи бонувон дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара таҳти унвони "Канӣ, духтарон – таҷассумгари ҳунар, зебоӣ ва фарҳанг" озмуни бошукуҳ баргузор гардид, ки он на танҳо як намоиши истеъдодҳо, балки як падидаи муҳим дар эҳёи анъанаҳои миллӣ ва муаррифии нақши занон дар ҷомеа маҳсуб мешавад.

Озмун дар панҷ шарт сурат гирифт. Иштирокчиён бо маҳорати баланди худ дар бахшҳои ҳунарҳои мардумӣ, суханварӣ ва фарҳанги либоспӯшӣ ҳунарнамоӣ карданд. Либосҳои миллӣ, ки бо маҳорати хосса интихоб ва пешниҳод шуданд, рангорангии анъанаҳо ва ҳунари волои бонувони тоҷикро бозгӯ менамуданд.





Ҳайати доварон, ки аз ҷумлаи шахсиятҳои варзида ва устодони соҳибтаҷриба буданд, ҳар як бароманди иштирокчиёнро бодиққат арзёбӣ намуда, меъёрҳои асосии баҳогузориро аз рӯйи эҷодкорӣ, ифодаи бадеӣ, маърифати фарҳангӣ ва маҳорати муаррифии арзишҳои миллӣ муайян карданд.

Озмуни мазкур ба як тадбири мукаммали муаррифии зебоӣ, ҳунар ва хирад табдил ёфта, бори дигар собит сохт, ки бонувони тоҷик сарчашмаи рӯшангарӣ, офаринандагӣ ва рушди ҷомеа мебошанд.

**Таҳмина НАБИЕВА,**
**сармутахассиси шуъбаи тарбия,**
**иҷтимоиёт ва идеологияи**
**ФДТТИ**

# МАҲФИЛИ “ЗАРИФОН” ДАР ФДТТИ

Бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нотакрор ва баланд бардоштани маърифати фарҳангии донишҷӯён дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара маҳфили “Зарифон” доир гардид. Дар он ду даста: "Ватандӯстон"-и факултети технологияҳои саноатӣ ва зеҳни сунъӣ ва "Ҷавонон"-и факултети иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия ҳунару малакаи хешро нишон доданд.

Ҳакамон ба ҳар як иҷрои номинатсияи дастаҳо диққати ҷиддӣ дода, ба эҳёи ҳунару малакаҳои миллӣ баҳои арзанда доданд.




Бояд ёдовар шуд, ки аъзои дастаҳо бо рақсу суруд ва саҳначаҳои ҷолиби хеш рӯҳи ҳозиринро болида гардонида, ғолибони озмун бо ифтихорнома ва тухфаҳои пулӣ қадрдонӣ гардиданд.

**Ҳабибаллоҳ ИСМОИЛОВ**

# ҶАҲОЛАТ ВА ХУРОФОТ – САРЧАШМАИ ТЕРРОРИЗМ

Боиси таассуф аст, ки имрӯзҳо терроризм ва экстремизм чун вабои аср дар саросари олами муосир реша давонда, фазои orому осоишта ва пешрафту тараққиёти ҷомеаи ҷаҳониро дар пешорӯйи хатар қарор додааст. Дар робита ба маҳву пешгирии чунин даҳшати оламгир мардуми сулҳофарину созанда ва ваҳдатгарову тараққипарвари Тоҷикистони соҳибистиқлоламон бо ҳидояти хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муборизаи беамон бурда, ҳамзамон амалҳои нангину нафратзои хоинони Ватан ва душманони миллатро, ки ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунии диниву экстремистӣ шомил гашта, ба амнияту ободӣ ва равнақу шукуфоии Ватани азизамон кӯрнамакӣ зоҳир мекунанд, сахт маҳкум менамоянд.

Воқеият собит менамояд, ки дар ангезаи амалҳои ифротӣ инсонро таассуб ва ҷаҳолат раҳнамоӣ дошта, хурофот ва гуногунфаҳмии мавъизаву фармудаҳои дини мубини ислом сарчашмагузорӣ менамояд. Ва, дар ҳақиқат, решаю аломатҳои пайдошавии ифротгароӣ ва ба истилоҳ экстремизми динӣ-мазҳабӣ, қабл аз ҳама, дар бемаърифативу камсаводӣ, зудбовариву сустиродагӣ зоҳир мегардад. Имрӯз ҳодисаҳои мудҳише, ки дар рушду такомули пешрафту тараққиёти сохтори давлатдории ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро чашмрас аст, ки ин ҳам бошад, боиси бар асари ваҳшиёна ба қатл расонидани ҳазорҳо нафар кӯдакони бегуноҳ, таълимдиҳандагони муассисаҳои таълимӣ, таркишҳои мудҳиш дар масҷидҳою бозорҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ баҳри ҷиҳод гуфта, ба ҷони чандин афроди ҷомеаи бегуноҳ, ки яке ба кор рафтаю дуюмӣ ба таълиму тадрис, сеюмӣ ба харид омадаю дигаре аз кор равон аст, инҳо ҳама ифодагари камоли бехирадиву нокасӣ, ношукрӣ ба нону намаки дастархон ва обу хоки аҷдодӣ аз ҷониби як қатор исломтарошони беимону кӯрдил аст. Оё ин аст асолати мусулмонӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда боиси миллионҳо хисороти молию ҳазорҳо хисороти ҷонӣ гаштааст?

Ин падидаҳои номатлуб шояд дар ҷумҳурии мо воқеан чашмрас набошад, аммо амалҳои ифротгароёнаи экстремистии ба ном мусалмони мамолики хориҷ дар тарбияи ахлоқии ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Ба андешаи мо, мусулмони ҳақиқӣ шахсест, ки аз амалҳои хурофотпарастию ифротгароӣ даст кашида, барои ободии давлат бо дарки баланди ватандӯстӣ оид ба беҳдошти вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ амал намуда, тинҷию оромиши ҷомеаро мехоҳад.

Бино бар ин, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, худшиносӣ, хештаншиносӣ ва инсондӯстӣ дар муқобили терроризм ва экстремизм истодагарӣ намояд. Зеро дар даврони ҷаҳонишавии босуръат ба хотири ҳифзи истиқлоли миллӣ ва расидан ба қуллаҳои баланди давлатдорӣ ҳар як фарди ҷомеа мувофиқи кору омоли хеш муваззаф ва масъул аст, ки асолати миллӣ ва амну суботи кишвар ва дастоварду арзишҳои фарҳангиро пуштибонӣ ва ҳимоят кунанд.

**Фараҳшод ҲАМРОҚУЛОВ,**
**мутахассиси шуъбаи**
**фарҳанги ФДТТИ**

# ҲАДАФ: АФЗУН ГАРДОНДАНИ ДАСТОВАРДҲО

## (ГУЗОРИШ АЗ ҶАРАЁНИ ВОХӮРИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ, ПРОФЕССОР РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БО УСТОДОНИ КАФЕДРАИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ)

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тӯли 35-соли фаъолияташ, бо меҳнату кӯшишҳои пайвастаи устодон ва кормандон ба яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ табдил ёфта, ҳайати омӯзгорону профессорони он баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи давлатӣ дар соҳаи маориф тамоми неруи зеҳнии худро равона намуда, ҷиҳати баланд бардоштани мақоми донишгоҳ дар фазои ҷаҳонии таҳсилот саъю кӯшиш менамоянд.**

**Мисолҳои зерин, ки номгӯйи нопурраи дастовардҳои донишгоҳро ташкил медиҳанд, далели ин гуфтаҳоанд:**

- Донишгоҳи технологии Тоҷикистон чун маркази илму маърифат ягона муассисаи таълимие мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони баландихтисосро дар соҳаи саноати сабук ва хӯроквории тайёр мекунад;
- дар ҷумҳурӣ яке аз аввалин марказҳои таҷрибавӣ мебошад, ки гузариш ба низоми кредитии таҳсилотро оғоз кардааст;
- тайёр намудани мутахассисони маълумоти олидошта дар донишгоҳ аз рӯи 57 ихтисоси бакалавр, 36 ихтисоси магистратура ва 8 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD амалӣ карда мешавад;
- ДТТ дар тӯли мавҷудияти худ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат зиёда аз 18000 нафар мутахассисони баландихтисосро тайёр кардааст, ки қариб 700 нафари онҳо сазовори дипломи аъло гардидаанд;
- дар айни замон дар донишгоҳ 210 нафар омӯзгор фаъолият дошта, сатҳи дараҷа ва унвони илмидоштаи ҳайати омӯзгорон 65,7% -ро ташкил медиҳад;
- ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ дар заминаи зиёда аз 90 созишномаи бо донишгоҳҳои хориҷӣ, марказҳои таҳқиқотӣ ва дигар созмонҳои илмии давлатҳои Аврупо, Шарқи Осиё, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Чин, кишварҳои ИДМ баимзорасида сурат мегирад.
- Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ, аз қабили Эразмус Мундус, Эразмус +, GIZ, JICA; WTIT; Бонки ҷаҳонӣ; ITS; UNDP; Бунёди Оғахон, ЮНЕСКО, LOEO, ITEC ва ғайра фаъолона ширкат меварзад.

Бо вуҷуди чунин дастовардҳо имрӯз дар бозори меҳнат, ки асоси талаботи онро рақобатпазирии сифатии таҳсилот ташкил медиҳад, набояд аз муваффақиятҳо саргарм шуд. Зеро айни замон дар Тоҷикистон 48 муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолият менамоянд, ки дар ин гуна рақобати солими бозори меҳнат на ҳар муассисаи таълимӣ мавҷудияти худро таъмин карда метавонад.

Бо ҳамин мақсад, дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон маҷмӯи чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, тарғиботӣ ва илмӣ пайваста ташкил ва баргузор карда мешавад, то ҳар чи бештар таваҷҷуҳи довталабони муассисаҳои таълимӣ ба ин даргоҳ ҷалб карда шавад. Натиҷаи таҳлилҳо нишон дод, ки тадбирҳои андешида ҷиҳати рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат ҳанӯз ҳам нокифояанд. Бо мақсади рушди минбаъда ва афзун намудани дастовардҳои донишгоҳ ректори он Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, пеш аз ҳама, вохӯриҳоро бо ҳайати устодони кафедраву факултетҳо оғоз намуд.

Аз ҷумла чунин вохӯрӣ бо устодони кафедраи фанҳои гуманитарӣ баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ зимни суҳбат бо омӯзгорони кафедра ба ҳар яки онҳо бо иззату эҳтиром муносибат намуда, пас аз шиносоӣ ба кору фаъолият ва мушкилоти зиндагии ҳар корманд таваҷҷуҳ намуд. Омӯзгорону кормандони кафедра ҳама як фазои озоду якдигарфаҳмӣ ва муносибати хуби инсониро аз роҳбари муассисаи таълимӣ эҳсос намуданд.

Зоир Файзалӣ доир ба пешравиҳо, иқдоми раёсат ва рушди минбаъдаи донишгоҳ ҳарф зада, қайд намуд, ки дар омода нумудани мутахассисони баландихтисос ҳар як омӯзгор ва корманд саҳми арзишманд дорад ва мо инро ба хубӣ эҳсос мекунем. Бидуни меҳнати софдилонаи ҳар як омӯзгор пешравии муассисаи таълимӣ ғайриимкон аст,- афзуд ӯ. Аз ин рӯ, мо аҳли раёсат вазифадорем, ки саҳми ҳар як омӯзгорро дар ин пешравиҳо дида тавонем ва заҳмати онҳоро қадр намоем.

Аз ин гуна муносибати оқилона ва суханронии ҳадафмандона ҳар як омӯзгори дар вохӯрӣ иштироknамуда, қадру қимати худро чун инсон ва чун мутахассис боз ҳам хубтар эҳсос намуд. Ректор ҳамчунин таъкид намуд, ки муносибати дилсӯзонаю ғамхорона бо кормандон аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат нисбати ҳар шаҳрванд бармеояд. Президенти муҳтарами кишвар зимни таъин намудани ҳар як мутахассис дар вазифаҳои пурмасъулият, - қайд намуд Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, - таъкид менамоянд, ки аввалан, аҳли кормандони ҳар муассисаро эҳтиром намоед ва барои фаъолияти ҳар як корманди он шароити мусоид фароҳам оред. Ин вохӯрии мо аз сиёсати инсонпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад ва татбиқи оқилонаи ин сиёсат аз ҳар яки мо вобаста мебошад.

Ниҳоят, дар ҷараёни суҳбат ректор таъкид намуд, ки вазифаи навбатии омӯзгорону кормандони кафедра дар замоне, ки таъсиру нуфузи ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ дар байни мардум зиёд мешавад, дар руҳияи худшиносӣ ва ҳушёрию зиракии сиёсӣ тарбия кардани ҷавонон мебошад. Дар ин замина санаду қарорҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ки моҳияти онҳоро ба насли ҷавон фаҳмондан аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ буда, бояд шарҳу тафсири ин санадҳо дар барномаҳои таълимии фанҳои гуманитарӣ ҷой дода шуда бошад. Дар ин замони пурихтилоф вазифаҳои фанҳои гуманитарӣ дар ҷараёни таълим ва дар ҷомеаи шаҳрвандӣ рӯз аз рӯз боло меравад ва муаллимони кафедраи фанҳои гуманитариро лозим меояд, ки дар матни лексия ва маводи дарсҳои амалӣ аз ҳуҷҷату санадҳои муҳимтарин истифода намоянд. Сарвари донишгоҳ инчунин таъкид намуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нақшу мақоми фанҳои гуманитарӣ дар низоми таълими муассисаҳои олии касбӣ дар маркази таваҷҷуҳи раёсати донишгоҳ қарор дорад.

Ҳамзамон, Раҳмонзода Зоир Файзалӣ таъкид намуд, ки дар ташкилу баргузории иду чорабиниҳои миллӣ ва сиёсӣ бояд, пеш аз ҳама, устодони ҳамин кафедра пешсаф ва ташаббускор бошанд. Таъмини донишҷӯён ба ҳама гуна маводи таълимӣ аз матни электронии лексияҳо то дастурҳои таълимию методӣ бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи устодони кафедра қарор дошта бошад.

Устодони кафедра профессор Абдураҳим Абдулло, д.и.ф., Нурмуҳаммад Одинаев, дотсент Нуриддин Амирӣ, Гулнора Саъдуллоева, Мунира Акбарова, Маҳмадулло Бобоев, Муҳаммадисо Равшанзода, Раҷаббой Ҷӯраев ба ректори донишгоҳ барои чунин як вохӯрии судманд изҳори сипос намуда, иброз доштанд, ки тамоми дониш ва маҳорату малакаи касбиашонро баҳри тайёр намудани мутахассисони ҳирфаӣ ва рушди ҳамаҷонибаи донишгоҳ равона хоҳанд кард.

Дар хотима мудири кафедра, номзади илмҳои таърих Асомиддини Абдулмумин ба раёсати донишгоҳ, бахусус, Раҳмонзода Зоир Файзалӣ барои чунин як суҳбати самимӣ миннатдорӣ баён карда, иброз дошт, ки ҳайати омӯзгорону кормандони кафедра дар татбиқи сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда гузошта, соли таҳсилро бо комёбиву дастовардҳои назаррас ҷамъбаст менамоянд.

Мушовири ректор, номзади илмҳои иқтисодӣ Тошматов Маҳмуд Неъматович дар бораи натиҷаи санҷиши вазъи таълими фанҳои кафедра маълумот дода, андешаҳояшро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани сифати таълим дар муҳити кафедра, баён намуд.

**Н. ОДИНАЕВ,**
**доктори илмҳои филологӣ**

# ВОХӮРӢ БО УСУЛИ ФАКУЛТЕТ БА ФАКУЛТЕТ

**Рӯзҳои 23 - юм ва 24-уми апрели соли 2025 ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар якҷоягӣ бо масъулини бахши таълиму тарбия ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамеша дар мулоқотҳояшон боло бурдани сифати таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисони соҳибкасбро таъкид менамоянд, бо мақсади шиносоӣ бо раванди таълиму тарбия ва сатҳи омодагии устодон ба фанҳои тадрисшаванда, аз факултетҳои донишгоҳ дидан намуданд.**



Зимни боздид, роҳбарияти донишгоҳ бо устодону кормандони илмӣ-омӯзгорӣ ва донишҷӯён мулоқот ороста, масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, истифодаи самараноки технологияҳои замонавӣ, захираҳои таълимӣ ва риояи низоми дохилидонишгоҳиро мавриди баррасӣ қарор дод. Ректори донишгоҳ инчунин, доир ба моҳияти қонунҳои миллӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои тарбияи кӯдак", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон", ҳифзи дастовардҳои замони Истиқлол, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва напӯшидани либосҳои ба фарҳанги мардуми мо бегона маслиҳатҳои муфид дод.

Ҳамчунин, ректори донишгоҳ ба садорати факултетҳо ва устодон тавсияҳои мушаххас дода, таъкид намуд, ки сифати таълим бояд ҷавобгӯ ба талаботи замон ва бозори меҳнат бошад. Мавсуф афзуд, ки омӯзгорон бояд бо истифода аз усулҳои муосири таълимӣ, донишҷӯёнро на танҳо ба дарёфти дониш, балки ба таҳлил, андеша ва эҷодкорӣ ҳидоят намоянд.

Дар ҷараёни боздид дигар масъалаҳо, аз ҷумла беҳтар намудани шароити омӯзиш, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмию таҳқиқотӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтанд.

Дар интиҳои вохӯрӣ ректори донишгоҳ Зоир Файзалӣ бо боварӣ изҳор намуд, ки бо талоши муштараки ҳайати омӯзгорону донишҷӯён, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба дастовардҳои боз ҳам хубтару беҳтар ноил хоҳад гашт.

**"Фановар"**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - АСОСИ БУНЁДИ ҶОМЕАИ СОЛИМ

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ чунин дода шудааст: "маърифати ҳуқуқӣ ин раванди иттилоотонии ҳуқуқӣ доир ба қоидаҳои умумии ҳатмии рафтори муқаррарнамудаи қонунгузорӣ буда, мақсади он ба баланд бардоштани шуурнокии субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ, амалишавӣ ва риояи қонунҳо, инчунин пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ равона шудааст.

Баландии маърифати ҳуқуқӣ бошад, ин нишонаи асосии солимии ҳар як ҷомеа мебошад. Маҳз бо дарназардошти ҳамин ҳолатҳо, ҷиҳати ба таври дахлдор таъмин кардани волоияти қонун, ки танҳо он метавонад боиси боз ҳам болоравии нуфуз ва мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ гардад, аз тарафи роҳбари сиёсии кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон гардида буд.

Зеро, аввалан, баландбардории маърифати ҳуқуқӣ яке аз асосҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии сокинони ҷумҳурӣ буда, ҳамзамон он ҳамчун заминаи бевоситаи рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, васила и мустаҳкамгардонии асосҳои давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дорои аҳамияти муҳим буда, яке аз омилҳои мусоидаткунандаи ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд рушд кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мақсад аз баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ - ин пеш аз ҳама, дар баланд бардоштани шуурнокии субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ, амалишавӣ ва таъмини риояи қонунҳо, инчунин пешгирӣ аз ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад.

Аз ҷониби ҳайати (роҳбарияти) сиёсии кишвар дар ин давра ҷиҳати ноил гардидан ба ин мақсадҳо амалӣ намудани нақшаҳои мушаххас оид ба анҷом додани тадбирҳои зерин тахия ва роҳандозӣ гаштааст:

1. Сатҳи маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ баланд бардошта шуда, рафти тарғиби арзишҳои демократӣ боз ҳам афзуда шавад;

2. Институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона бо он мустаҳкамтар ва мақоми қонун боз ҳам баландтар бардошта шавад;

3. Тарбияи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва бартараф намудани инкори он, боз ҳам ҷонноктар гардонида шуда, дар ҳама самтҳои ҳаёти ҷамъият волоияти қонун таъмин шавад;

4. Низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ ташаккул дода шуда, нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ муносибати оштинопазирӣ намуда, масъулияти ҳуқуқӣ ногузир баланд бардошта шавад;

5. Дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ таъмин гардида, дар ин самт механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда шавад.

Маҳз бо ташаббуси ҳайати сиёсии кишвар, аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом дода шудани ин тадбирҳо имкон дод, ки дар ин давра арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таъмин гардида, он василаи арҷгузорӣ, эҳтиром ва таъмини вокеии Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гашта, ба болоравии ҳисси ватандӯстии сокинони кишвар ва талабот ба завқи онҳо нисбат ба азхудкунии донишҳо дар самти ҳуқуқ мусоидат карда, асоси пастшавии сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ гардад.

Дар ин робита, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбаташон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр намуданд, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилгашта натиҷаи аз тарафи парламенти мамлакат сари вақт дар ин самт тахия ва қабул кардани қонунҳои мушаххас мебошад. Зеро танзими ҳуқуқии сариваќтӣ ва ҳамаҷониба чанбаи асоси таъмини рушди устувор ва босуръати пешрафти кишвар мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки қонунгузорӣ бо дарназардошти рушди ҷомеа пайваста такмил ёфта, он ҳамҷадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар кишвар мебошад.

Аз ин рӯ, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати боз ҳам ҷоннок намудани фаъолият дар ин самт масъалагузорӣ карда шуда, ҳамзамон таъкид гашт, ки таъмини ҷалби иштироки васеи шаҳрвандон ва дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати ноил шудан ба такмили қонунгузорӣ, ба манфиати кор мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки дар ҷумҳурӣ вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон заминаҳои васеи конститутсионӣ- ҳуқуқӣ фароҳам мебошад.

Аз ҷумла, дар моддаи 1-и Конститутсия омадааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ фаъолияти давлат, мақомотҳои он ва кулли шаҳрвандон тобеи ҳуқуқ буда, онҳо танҳо дар доираи Конститутсия ва қонунҳои он амал менамоянд.

Мустақиман амал кардани меъёрҳои Конститутсия, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз рӯи принсипи тақсимоти ҳокимият ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ эътироф гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин як қатор шарту омилҳои дигари муҳимми давлати ҳуқуқбунёд аз ҷумлаи ҳамин кафолатҳо мебошанд.

Ҳамзамон, дахлнопазир эълон шудани ҳуқуқи фитрии инсон ва ба ӯҳдаи давлат вогузор кардани нафақат эътироф, балки таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ яке аз нишонаҳои муҳимми давлати ҳуқуқбунёд мебошанд.

Дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши олӣ эътироф кардани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ эълон гаштааст, ки ин шаҳодат аз бузургтарин арзиш ва дорои манфиатҳои муайян шинохтани инсон, имконнопазирии шинохти дигар арзишҳоро дар доираи манфиат ва манзалати он гардонидан мебошад. Зеро бе арзиши олӣ эълон намудани инсон таъмини волоияти қадру манзалати он имконнопазир мебошад.

Бо дарназардошти ин ҳолатҳо Конститутсия эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз тарафи давлат пешбинӣ кардааст.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки қисмати асосии меъёрҳои Конститутсия ба падидаи маърифати ҳуқуқӣ зич алоқаманд мебошад.

Маҳз ин заминаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар дигар шаклҳо қабулгашта бевосита ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ роҳандозӣ гарданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин самт қабул гаштани санадҳои меъёрии ҳуқуқии "Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.02.2018, №1005 тасдиқ шудааст), "Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030" (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11. 2019, №599 тасдиқ шудааст), "Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026" (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2021, №565 тасдиқ шудааст) далели воқеияти гуфтаҳои боло мебошанд.

Ҷиҳати пурра ноил гаштан ба ҳадафи асосӣ оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ дар заминаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ» тахия ва қабул карда шуд.

Бояд қайд кард, ки пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 низоми қонунгузории ҷумҳурӣ мунтазам ташаккул ёфта истодааст.

Тибқи феҳристи Маркази миллии қонунгузорӣ айни вақт низоми қонунгузории ҷумҳурӣ аз инҳо иборат аст:

-Конститутсия;
-17 қонуни конститутсионӣ;
-22 кодекс;
-361 қонун;
-санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ;
-инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд.

Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тамоми вазорату идораҳо ва роҳбарони онҳоро уҳдадор менамоянд, ки ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҳар як зертобеъ, инчунин дигар субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба фаҳмондадиҳии муқаррароти ин санадҳо, иттилоотонии ҳуқуқӣ ва қабули бевоситаи шаҳрвандон чораҳои мушаххас андешида, ҳамзамон, дар маҷаллаву рӯзномаҳо тахия ва нашри мақолаҳои илмӣ-оммавиро роҳандозӣ намоянд.

Мувофиқан, талаботҳо ва таъкидҳои мунтазами Сарвари кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда ҷиҳати ноил гаштан ба вазифаи гузоштташуда оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ водор менамояд, ки фаъолият дар самти тарбияи ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, таъмини волоияти қонун, тарбия дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ характери мунтазамиро дошта, он пайваста ва тарики дастаҷамъона ба роҳ монда шуда, қатъиян садди роҳи ҳамагуна фаъолиятҳои тарики сунъӣ дар ин самт монеа эҷодкунанда бартараф карда шавад.

**М. БОБОЕВ,**
**муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ**

# ОЗМУНИ «ТОҶИ САРИ ҶУМЛА ҲУНАРҲОСТ ИЛМ»

Дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе №120 , аз 4-уми марти соли 2025, бахри рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвастани илм бо истеҳсолот, ҷалби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо ва дар ин замина мусоидат намудан дар касбинтихобкунии наврасон 18-уми марти соли ҷорӣ даври якуми озмуни шаҳрии "Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм" дар МДТ "Литсейи инноватсионии Душанбе"-и назди ДТТ аз рӯи ҳафт номинатсия "Барномасозӣ", "Меъморӣ", "Моделсозӣ", "Радиоэлектроника", "Робототехника", "Сайёҳӣ – кишваршиносӣ" ва "Табиатшиносӣ"гузаронида шуд.



Дар даври якуми озмун байни хонандагони литсей 29 нафар хонанда (синфҳои 8 -11) аз фанҳои физика, математика, кори хаттӣ ва аз фанҳои химия, география, биология, технологияи иттилоотӣ, аз рӯйи ҳафт номинатсия иштирок намуданд. Озмун дар ду давр гузаронида шуд: қисми амалӣ ва муаррифии лоиҳаҳо. Хонандагон барномаи таълимиро пурра аз худ намуда, донишу малакаи худро дар даври якуми озмун нишон дода, ғолибон ба даври дуюм (шаҳрӣ) роҳ ёфтанд.

Рӯзи 2-юми апрели соли 2025 дар МТМУ № 14-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе даври дуюми озмуни шаҳрии "Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм" гузаронид шуд, ки дар он хонандагони литсей сазовори




ҷойҳои зерин гардиданд:

Мадохирзода Давлаталӣ, хонандаи синфи 11"в" аз номинатсияи "Радиоэлектроника" ҷойи 1-ум;

Кенҷаев Муҳаммадюсуф, хонандаи синфи 11 "в" аз номинатсияи "Сайёҳӣ-кишваршиносӣ" ҷойи 1-ум;

Фатҳулло Абдураҳимов, хонандаи синфи 11"в" аз номинатсияи "Барномасозӣ" ҷойи 1-ум;

Мадатов Исмоил, хонандаи синфи 10 "а" аз номинатсияи "Табиатшиносӣ" ҷойи 3-юм.

Маврид ба зикр аст, ки омӯзгори фанни физикаи "Литсейи инноватсионии Душанбе" –и назди ДТТ Балаҷонзода Сулаймон дар тайёр намудани хонандагон ба озмуни зикргардида саҳми арзанда гузошт.

**Аҷиҷимил Гулнора,**
**Абророва Моҳира,**
**омӯзгорони "Литсейи инноватсионии Душанбе" –и назди ДТТ**

ТАТБИҚИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# НАҚШИ ЗАН – МОДАР ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8-уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар шароити имрӯзаи бунёди давлати миллӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ зан-модар ба ҳамаи душвориҳои зиндагӣ нигоҳи тоза дошта, дар эъмори ҷомеаи навин ва таъмини рушди устувори Тоҷикистон нақши босазо гузошта истодааст.

Бояд ёдовар шуд, ки аз рӯзҳои нахустини Истиқлоли ҷумҳурӣ масъалаи беҳбуди шароити кору зиндагии занон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва хусусияти фарҳангиву суннатӣ шакли муайяни сиёсати беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии занонро ҳамеша пайгирӣ менамояд.

Президенти мамлакат дар ҳар як вохӯрию суханрониҳояшон дар мавриди рисолати воқеии занон дар ҷомеа фикру андешаҳояшро иброз намуда, таъкид менамоянд, ки занон дар рушди мамлакат нақши аввалиндараҷа доранд, зеро дабистони нахустин барои фарзандон домони модар аст. Аз ин рӯ, бори дигар дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардид, ки нисбат ба тарбияи насли хурдсол беэътиноӣ зоҳир накунем, чунки аз онҳо ояндаи нек ва ҳастии Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

Пешвои миллат ҳамчунин таъкид намуданд, ки «Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст».

Нахуст, зан, ки имрӯз ҳамқадами ҷомеаи навин аст, дар устувориву рушди оила мақоми хоса дорад. Ҷойгоҳи модар дар хонаводаи муосир, пеш аз ҳама, ба сатҳи маърифат ва донишу саводи ӯ вобаста аст. Бинобар камтаҷрибагӣ бештари вақт дучори мушкилот мегарданд. Баъдан, агар ҳамсарон бе талош барои бунёди оилаи солиму устувор, ноогоҳона оила барпо кунанд, фарзандони онҳо ҳеҷ гоҳ дар ҷомеа муваффақ намешаванд. Рушду камолоти оилаи солим ба ташаккули зеҳнӣ ва сатҳи маънавияти ҳамсарон вобастагӣ дорад.

Маърифати мард дар интихоби зан аз ӯ интихоби дурустро дар издивоҷ тақозо менамояд. Яъне зан бояд ба ҳаёти мустақилона омода бошад, то ин ки ба нофаҳмиҳое, ки рӯзҳои аввали хонадорӣ сари роҳаш мегарданд, таҳаммул намояд. Набояд фаромӯш кард, ки зан на танҳо модар – мураббӣ, инчунин танзимгари низоми хонавода мебошад. Равоншиносон низ бар он андешаанд, ки зан дар таҳлил ва дурбинии масъалаҳо нисбат ба мардон пешсафтар аст. Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ зарурате пеш овардa, ки дар мавриди низоми оиладорӣ низ бояд қолабҳои кӯҳнаро шиканем ва дар ҷаҳони нав бо андешаи нав қадам гузорем. Воқеан, зан неруест, ки инсонро барои ҷомеа тарбия менамояд ва онро ба ҳаёти инсонҳо тавъам мегардонад.

Метавон гуфт, ки мавқеи занон дар сиёсати имрӯза ҷойгоҳи махсусро касб кардааст ва бо ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ва ибтикору роҳнамоии шаҳрдории кишвар, инчунин, дигар дастгириҳои сохторҳои дахлдори ҷумҳурӣ занон дар қатори мардон фаъолияти пурсамар намуда, ҷиҳати рушд намудани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ камари ҳиммат бастаанд. Занону бонувони даврони соҳибистиқлолии кишвар вазифадор ҳастанд, ки дар тарғиби фарҳанг, маданияти пурғановати миллати тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар рушди ҳунарҳои мардумӣ ва пойдории либоси миллӣ саҳмгузор бошанд.

Занҳо дар замони соҳибистиқлолӣ ба субъектони фаъоли ҳаёти сиёсӣ мубаддал гардиданд. Маҳз ин давра ба зани тоҷик имкон дод, ки дар соҳаи илму сиёсат ва иқтисодиёт заминаи комёбиро соҳиб шавад. Ӯ тавонист, ки ба минталитети қафомондаи асримиёнагии баъзе аз тоифаҳои ҷомеа муқобил баромада, мақоми хешро дар партави тазодҳои гуногуни маънавӣ мустаҳкам созад.

Заҳмат ва кӯшишҳои давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон оид ба ташаккули мақоми зан дар ҷомеа, фароҳам овардани имкониятҳои амалигардонии он ба занҳо шароитро баҳри ишғоли вазифаҳои роҳбарикунанда дар соҳаҳои гуногун муҳайё сохт. Занҳо бо назардошти ҷонибдории Президенти кишвар ҳисси бовариро ба худ касб намуда, баҳри тайёр будан ба хизмати Тоҷикистони соҳибистиқлол ягонагии маънавиро изҳор намуданд. Зан дар ин бобат аз як қисмати ғайрифаъоли ҷомеа, ки ба ғайр аз ҷаҳони оила чизеро намедонист, ба шахси обрӯманд ва роҳбари мушфиқу ғамхор ва серталаб мубаддал гардид.

Дар Паёми навбатии худ роҳбари кишварамон иброз намуданд ки: «Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад».

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ба занон муроҷиат намуда, мақоми онҳоро дар рушди давлатдории муосири Тоҷикистон чунин қайд намуданд: «Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд. Бовар дорам, ки занон ва модарону бонувону духтарони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулият барои тарбияи кӯдак, ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд».

Дар ҳақиқат, занон дар ҷомеа нигини пурҷилои давлат, неруи бузургро ташкил медиҳанд. Пас мо, бонувон неруе бошем, ки созандаву бунёдкор, тарбиятгар, ҳалиму меҳрубон, бонуи ҳунар, саҳмгузор дар ҷомеаи имрӯзу фардои башар бошему садсолаҳо ба давлату миллат хизмат намоем.

Итминони комил дорем, боварие, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба занону бонувон доранд, моро водор менамояд, ки ба ин боварию ғамхорҳо ҷиҳати амалишавии нақшаю ниятҳои неку созанда саҳми босазои хешро гузорем.

**Д. НАСРУЛЛОЕВА,**
**муовини декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ оид ба илм ва инноватсия**

# ВОХӮРИҲОИ СУДМАНД



**Тибқи нақшаи муштараки чорабиниҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва РВКД дар шаҳри Душанбе санаи 15-уми апрели соли 2025 дар толори Китобхонаи донишгоҳ вохӯрии муовини сардори ХОПҲНҶ РВКД дар шаҳри Душанбе Баҳрулло Саидов ва роҳбари гурӯҳи ҷавонони "Авангард"- и шаҳри Душанбе Юсуфзода Муҳаммадҷон бо донишҷӯёни аъзои гурӯҳи “Авангард”- и донишгоҳ баргузор гардид.**

Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Шарифзода Исомиддин Умар зимни сухани ифтитоҳӣ иброз дошт, ки баргузории чунин вохӯриҳо барои боз ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва худогоҳии миллии ҷавонон мусоидат намуда, онҳоро ба дӯст доштани ватан, таҳкими сулҳу субот ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият раҳнамун месозад.

Сипас, муовини сардори ХОПҲНҶ РВКД дар шаҳри Душанбе, Баҳрулло Саидов суханронӣ намуда, бо мисолҳои мушаххас аз хусуси ҷиноятҳои содирнамудаи бархе аз ҷавонону наврасон ёдовар шуда, аз аҳли толор даъват ба амал овард, ки ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳо миёни ҷавонону наврасон корҳои профилактикӣ бурда, тарғибу ташвиқи дар доираи қонунҳои амалкунандаи кишвар зиндагии худро ба роҳ мондан ва барои пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз саҳми арзишманд гузоштан, саъю кӯшиш намоянд.

Роҳбари гурӯҳи ҷавонони "Авангард"- и шаҳри Душанбе Юсуфзода Муҳаммадҷон таъкид намуд, ки вазифаи гурӯҳи ҷавонони “Авангард” қабл аз ҳама, пешгирии гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои хусусияти террористию экстремистидошта, дар чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатие, ки дар минтақаҳои кишвар баргузор мегарданд, ба низом даровардани тартиботи ҷамъиятӣ ва дигар корҳои ҷамъиятиву давлатӣ мебошад.

Хуллас,- гуфт ӯ,- ҷавонони кишвар, аз ҷумла донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро месазад, ки донишу малакаи худро сайқал дода, ояндаи давлату миллати хешро боз ҳам рангинтару зеботар гардонанд, то инки насли фардои мо бо ифтихору сарфарозӣ умр ба сар баранд.

****

15-уми апрели соли 2025 дар толори асосии донишгоҳ вохӯрии намояндагони мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини сардори маркази ахборотдиҳии ВКД ҶТ, полковники милитсия Маҳмадализода Алишер, муовини сардори раёсати огоҳонии пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонон, полковники милитсия Умарҷони Эмомалӣ, сардори шуъбаи огоҳонии пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонон дар ноҳияи Фирдавсӣ, подполковники милитсия Бадалзода Муборакшоҳ бо кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мавзуи “Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии




шаҳрвандон” баргузор гардид.

Чорабиниро муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Шарифзода Исомиддин Умар оғоз намуда, тазаккур дод, ки воқеан, ҷаҳони имрӯзро тазодҳои зиёд фаро гирифтааст ва онҳо моро водор месозанд то аз огоҳиву дарки дурусти равандҳо кор бигирем. Бахусус, ҷавонони ҳушманди кишварро мебояд пайваста бо илм ва донишу хирад ба гетӣ нигаранд ва бо ақлу заковат аз технологияи иттилоотӣ самаранок истифода бурда, худ ва наздиконро аз хатарҳои ҷаҳони муосир, бахусус, мағзшӯишудану гаравидан ба ҳизбу ҳаракатҳои хусусияти террористиву экстремистидошта эмин нигоҳ доранд.

Баъдан муовини сардори раёсати огоҳонии пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонон Умарҷони Эмомалӣ дар робита ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонону наврасан ва қонунвайронкунии онҳо изҳори назар намуда, таъкид дошт, ки аксар вақт нафароне ҷиноят содир мекунанд, ки аз таҳсил дур мондаанд ва ин ҳолат, яъне бедонишиашон ба он боис мегардад, ки ба ҳар гуна гапҳои беасосу пуч бовар намуда, ба ҷиноятҳои вазнин даст зананд.

Инчунин номбурда ба тафсил доир ба моҳияти қонунҳои миллие, ки имрӯз дар Тоҷикистон амал мекунанд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”суханронӣ карда, изҳор дошт, ки ҷавононро месазад мунтазам бо омӯзишу тадқиқ машғул шаванд, бавижа донишҷӯёни ДТТ – ро зарур аст,ки барои пешрафти саноатикунонии кишвар ва рушди рақамикунониву инноватсия саҳми арзандаи худро гузоранд.

Сипас, муовини сардори маркази ахборотдиҳии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадализода Алишер бо мисолҳои мушаххас дар бораи омилҳо ва сарчашмаҳои ҷиноят ҳарф зада, ба иштирокдорон мафҳуми боварӣ ва хиёнатро шарҳу тавзеҳ дода, ба саволҳои аҳли толор ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Дар хотимаи чорабинӣ муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилот Насриддинзода Мирзомиддин Шамсиддин ба намояндагони ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок ва суханрониашон дар чорабинни мазкур изҳори сипос намуд.

**М. БОҚИЗОДА,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ,**
**Л. НАБИЕВ,**
**мудири шуъбаи идеологӣ, таҳлил ва тарғибот**

Фановар

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха